PDF-XChange Editor
Click to BUY NOW!
www.tracker-software.com

PDF-XChange Editor
Click to BUY NOW!
www.tracker-software.com

**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш.Душанбе, к. Буни Ҳисорак,**
**шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии 8,**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи "Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисосҳои 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи "Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст, ба ин бандҳои зерини Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мутобиқ аст: 1.1. Сохтор ва қонуниятҳои инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ; равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва сиёсӣ дар сатҳи миллӣ, давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, хатарҳои ҷаҳонишавӣ ва паёмадҳои он; ташаккули стратегия ва сиёсати иқтисодии давлат; масъалаҳои назариявии бехатарии иқтисодӣ, ҳамбастагии равандҳои иқтисодию сиёсӣ дар сатҳи миллию давлатӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ ва оқибатҳои он; ташаккули сиёсати иқтисодии (стратегия) давлат; банди 2.3. Қонуниятҳо, хусусиятҳо марҳилаҳои инкишофи кишварҳо ва минтақаҳои алоҳида, омилҳое, ки хусусиятҳои инкишофи онҳоро муайян мекунад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Густариши муносибатҳои иқтисодии давлатҳо ба марҳилаи нави рушд қадам ниҳода истодаанд ва дар ин маврид мавқеи махсусро равандҳо ва чараёнҳои ҳамгироии иқтисодӣ ишғол менамоянд. Истифодаи васеи фишанг, олот ва аз ҳама муҳим механизмҳои иқтисодии амалкард ҳангоми вусъат бахшидан ба равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ водор месозад, ки қонуниятҳо ва хусусиятҳои ҳамгироӣ аз лиҳози иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Маҳз дар ин радиф ғояи асосии таҳқиқоти муаллифи диссертатсия мушоҳида мегардад. Муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ дуруст қайд менамояд, ки ҳамгироии иқтисодӣ гузаштани мамлакатҳои ҷаҳонро аз шакли пушидаи хоҷагидорӣ ба иқтисоди кушод таъмин намуда, ба зарурати объективӣ ва шарти муҳими рушди устувори иқтисоди ҷаҳон табдил меёбад. Равандҳои ҳамгироӣ мубодилаи молҳо, хизматрасониҳо, моликияти зеҳнӣ ва муҳоҷирати аҳолиро афзоиш медиҳад. Дар банди мазкур муаллиф диққати асосиро ба муносибатҳо (сиёсат)-и беруниқтисодии Тоҷикистон равона сохта, ҳамгироии иқтисодиро дар амалияи муосири ҷаҳонӣ аз лиҳози ҷанбаи минтақавӣ ва байниминтақавӣ ҳамчун раванди объективӣ бодарназардошти ҳадафҳои иқтисодии давлатҳо маънидод менамояд. Ба андешаи ӯ муайян намудани қонуниятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ва таҳаввулоти сохторҳои ҳамгироӣ, арзёбии самаранокии ҳамкориҳо дар доираи иттиҳодия ва сохторҳои ҳамгироӣ, таҳқиқоти методологӣ ва консептуалии ин равандҳо, ҳамчунин ҷустуҷӯи воситаҳо ва роҳҳои такмили механизми идоракунии равандҳои ҳамгироӣ ба мавқеи рақобатпазири Тоҷикистон дар низоми муносибатҳои иқтисоди ҷаҳонӣ мусоидат мекунанд.

Дар баробари ин, дар банди мазкур яке аз бартариятҳои асосии таҳқиқоти илмии муаллиф ошкор гардидааст ва ин ҳам бошад, сатҳи нокифояи таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ҳамчун



PDF-XChange Editor Click to BUY NOW! www.tracker-software.com

механизми амалкарди фаъолияти иқтисодии давлатҳо дар асоси иттиҳодияҳои ҳамгирой махсуб меёбад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Омӯзиш ва таҳлили муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллифи он дар таҳия ва омода намудани навгониҳои илмии натиҷаҳои таҳқиқот ва муқаррар кардани нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муваффақ шудааст. Навгонии илмии таҳқиқот аз ҷониби муаллиф вобаста ба ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) мутобиқ мебошанд ва аз 6 (шаш) зербанд иборатанд:

- равишҳои гуногуни назариявии омӯзиши ҳамгироии иқтисодӣ таҳлил карда шуда, қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ҷудо ва асоснок карда шуд. Омӯзиши консепсияҳои гуногуни таҳқиқи назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои он нишон дод, ки ҳар як мактаб хусусиятҳои асосӣ ва хоси рушди равандҳои ҳамгироиро ошкор мекунанд. Қонуниятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ муайян карда шуданд: муайян кардани хусусияти муносибатҳои ҳамгирой дар байни субъектҳои ҳамгирой; таъсири шароити ташаккули муносибатҳои ҳамгирой ба табиати онҳо; ба ҳам мувофиқ омадани шаклу мазмуни ҳамгироии иқтисодӣ; мавҷуд будани маҳдудиятҳои ҳамгирой дар ҳолати номаҳдуд будани субъектҳои ҳамгирой; гузаштан аз як шакл ба шаклҳои мураккабтари ҳамгирой (қонуни таҳаввулотии инкишофи ҳамгирой);

- дар асоси таҳлили ақидаҳои намояндагони мактабҳои иқтисодӣ ба монанди классикӣ, неоклассикӣ, кейнсионӣ ва институтсионалӣ, моҳият ва мундариҷаи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор карда шуд. Дар ин замина ҳамгироии иқтисодиро метавон ҳамчун раванди иттиҳоди

муттақобилаи иқтисодии байни кишварҳо фаҳмид, ки дар заминаи робитаҳои амиқу устувори иқтисодҳои миллӣ дар натиҷаи бастани шартномаҳо ва созишномаҳои ҳамкорӣ ташаккул меёбад;

- хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодиро асоснок карда, марҳилаҳои ташаккул ва инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ ошкор карда шуд. Ихтиёрӣ будани ҳамгироии иқтисодӣ; ҷой доштани зерсохтори тараққикарда дар ҳамкории мутақобила; ҷалби сармояи хориҷӣ вобаста ба сиёсати сармоягузорӣ; назорати қатъӣ ва дурусти иҷрои шартномаҳо, қонунҳо ва қарорҳо; мавҷуд будани органҳои муҳим ва марказии болоидавлатӣ; чандирии равандҳои ҳамгирой ва сиёсати чандир нисбат ба кишварҳои сеюм; ба даст овардани рушди иқтисодӣ тавассути иқтисодиёт ва сиёсати савдои кушод ҳамчун хусусиятҳои асосии ҳамгироии иқтисодӣ муайян карда шуд;

- ҷанбаҳои содиротӣ ва сармоягузории ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон дар ҳайати сохторҳои ҳамгирой ва берун аз он муайян карда шуданд. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт, ки дар аксари кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, низоми иқтисоди бозорӣ амал мекунад, ташкил ва роҳандозии фаъолияти содиротӣ ба худ аҳамияти аввалиндараҷа мегирад. Ҳамчунин муҳайё сохтани шароитҳои мусоид дар самти воридшавии сармояи хориҷӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вазифаҳои муҳим ба шумор меравад;

- самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои иқтисодии ҳамгирой асоснок карда шуданд. Муайян гардид, ки дар Тоҷикистон соҳаҳои гидроэнергетика, металлургияи ранга, коркарди маҳсулоти саноати сабук, минералҳо, коркарди амиқи маҳсулоти кишоварзӣ ва сайёҳиро метавон аз самтҳои ояндадори ҳамкориҳои иқтисодӣ ва афзалиятноки сармоягузорӣ арзёбӣ кард, ки боиси рушди иқтисодиёт мегардад;

- самтҳои самаранокии ҳамкории иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) муайян карда шуд. Муайян карда шуд, ки дурнамо ва хусусиятҳои хоси ИИАО аз байн бурдани маҳдудиятҳо дар чаҳор самт - пеш аз ҳама сармоя, меҳнат, молҳо ва хизматрасониҳо мебошад.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаи** муаллифи диссертатсия қисмати асосӣ ва хотимавии таҳқиқоти илмиро дар бар гирифта, онҳо мавқеи муаллифро дар арзёбии мавзуи таҳқиқшаванда нишон медиҳанд. Вобаста ба ин қайд кардан зарур аст, ки арзёбии дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи муаллиф имконияти минбаъдаи онро дар самти ошкорсозии қонуниятҳо ва хусусиятҳои ҳамгироии иқтисодӣ инъикос менамояд. Ҳамчунин нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда моҳияти назариявӣ, амалӣ ва тактикии муаллифро дар самти таҳқиқи масъала инъикос намуда, пурра раванди таҳқиқотро фаро мегиранд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи муаллиф аз муқаддима, 3 боб, натиҷаҳои мухтасари бобҳои диссертатсия, хулосаҳои умумӣ ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Диссертатсия дар 180 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, дорои 10 ҷадвал, 3 диаграмма ва 2 расм мебошад. Рӯйхати адабиёт аз 205 номгӯй иборат аст.

**Дар муқаддимаи таҳқиқот** тавсифи умумии таҳқиқот зикр ёфтаанд, ки ба мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот, дараҷаи азхудшудаи мавзуъ, заминаҳои назариявию методологӣ, ҳадаф, объект, предмет, масъалаҳо, марҳилаҳо, пойгоҳҳои иттилоотӣ ва озмоишӣ, эътимоднокии натиҷаҳо, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда, саҳми шахсии довталаб дар таълифи диссертатсия, таъйиди диссертатсия, интишорот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия бахшида шудаанд.

**Дар боби якум** - таҳқиқи асосҳои илмию назариявии равандҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ, алалхусус консепсияҳои асосии назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои инкишофи он, хусусиятҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва инчунин таҳаввулоти назариявии муносибатҳои ҳамгироии иқтисодӣ ва рушди марҳилаҳои он мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ фикру ақидаҳои намояндагони мактабҳои гуногуни иқтисодиро оид ба мазмун, мундариҷа ва моҳияти ҳамгироии иқтисодӣ таҳқиқ намуда қайд менамояд, ки консепсияҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва тамоюлҳои рушди онро муайян ва баҳогузорӣ намуда, қонуниятҳои онро муайян кардан мумкин аст. Қонуниятҳо дар худ маҷмуи қонунҳои ба ҳам алоқаманд, ки тамоюли рушд ё самти таъғйирёбии низмомро таъмин менамояд, таҷассум мекунад. Агар қонун робитаи зарурии байни ҳодисаҳоро мушахассан ифода кунад, пас қонуниятҳо дурустӣ ва пайдарҳамии ҳодисаҳоро нишон дода, муайян мекунад, ки ҳодисаҳо тасодуфӣ набуда, сабабҳои зарурӣ ва муайяни равандҳоро тавсиф мекунад. (саҳ.33).

**Дар боби дуюми диссертатсия** - омӯзиш ва таҳқиқи ҷанбаҳои амалии ҳамгироии байналхалқии иқтисодии Тоҷикистон бодарназардошти таҳлили вазъи кунунии рушди ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон, ҷанбаҳои содиротии ҳамкориҳои иқтисодии кишвар дар ҳайати сохторҳои ҳамгироӣ ва берун аз он, инчунин ҷанбаҳои сармоягузории тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодии кишвар дар доираи сохторҳои ҳамгироӣ бахшида шудааст.

Муаллифи диссертатсяи ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистонро дар доираи созмонҳои гуногуни ҳамгиро таҳқиқ намуда, дуруст қайд менамояд, ки барои бовар кардан ба ин ки иқтисодиёти минбаъдаи

мамлакатҳои иттиҳодӣ бомуваффақият идома меёбад ҳамаи асосҳо маҷуданд. Дар баробари ин, дар байни мамлакатҳои иттиҳоди Давлатҳои Мустақил фазои озоди иқтисодӣ ё бозори умумиро ба вуҷуд овардан комилан имконпазир аст, ки он дар шаклҳои хеле самарабахш ва озодона инкишоф меёбанд. (саҳ.68).

Яке аз бартариятҳои таҳқиқоти муаллиф таҳлил ва арзёбии сармоягузорӣ ҳангоми ҷонок сохтани раванди ҳамгироии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф диққати асосиро ба фаъолияти корхонаҳои хурд ва миёна равона сохта қайд менамояд, ки тахмин карда мешавад, ки корхонаи хусусӣ қодир аст, маҳсулотеро бо сифати беҳтарини қонеъ гардонидани талаботи бозор истеҳсол намояд. Аммо гуфтан мумкин аст, ки баланд бардоштани сифати маҳсулот ва рақобатнокии он худ аз худ ба амал намеояд. Чунон ки маълум аст, барои азхуд намудани техникаи нав ва азхудкунии он хароҷоти иловагӣ талаб карда мешавад. Ҳалли ин масъала боз бо ба даст овардани маблағгузорӣ дар шакли дастгирии бевоситаи молиявӣ барои ҷорӣ намудани навигариҳои техникӣ ва технологӣ ё бо истифодаи қарзҳои имтиёзнок ва дигар бонкҳо алоқаманд аст (саҳ. 112).

**Боби сеюми диссертатсия** - ба такмили механизми идоракунии равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои он бахшида шудааст. Дар боби мазкур тамоюлҳои асосии рушди иқтисодиёти кишвар дар асоси беҳтар намудани фазои иқтисодӣ аз ҳисоби ҳамгироии иқтисодӣ таҳқиқ гардидааст. Диққати асосии муаллиф ба мукаммалгардонии самтҳои ҳамкориҳои иқтисодии кишвар ва ошкор сохтани афзалиятҳо, авлавиятҳо ва дурнамои воридшавии Тоҷикистон ба иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё (ИИАО) равона гардидааст.

PDF-XChange Editor Click to BUY NOW! www.tracker-software.com

PDF-XChange Editor Click to BUY NOW! www.tracker-software.com

Дар доираи боби мазкур муаллиф самтҳои ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистонро таҳлил намуда, дуруст қайд менамояд, ки соҳаи муҳимтарини рушди эътимодбахши иқтисодиёти кишвар истифодаи қаъри замин ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба роҳ мондани ҳамкориҳо ҷиҳати ҷалби сармоя ва коркарди маъдан имконияти васеъ дорад (саҳ.128). Дар ҳақиқат муаллиф бинобар ҷой доштани маълумотҳои омории канданиҳои фойданоки ҷумҳурӣ диққати асосиро ба мавҷудияти иқтидори захиравӣ-табиии мамлакат равона месозад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Муқаррароти таҳқиқоти илмӣ, асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия овардашуда, шаҳодат аз он медиҳад, ки муаллиф аз назарияҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба масъалаи мукаммалгардонии раванди ҳамгироии иқтисодӣ, чӣ аз лиҳози назариявӣ ва чӣ аз лиҳози амалӣ васеъ истифода намуда, дар асоси онҳо роҷеъ ба паҳлуҳои асосии масъалаи мазкур нуқтаи назари худро пешниход намудааст. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки мавзуи таҳқиқгардида ва натиҷаҳои бадастовардашуда муваффақиятҳои муаллифро дар сатхи зарурӣ инъикос менамоянд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Асосҳои назариявии таҳқиқотро назарияи муосири иқтисодӣ, минҷумла, асарҳои илмии олимони соҳаҳои гуногун (назарияи иқтисодӣ, назарияи мезоиқтисодӣ, назарияи макроиқтисодӣ ва ғайра), ки ба ташаккули тасаввуроти муосир дар бораи принсипҳо, ҷанбаҳои алоҳида ва равишҳои гуногуни ҳамгироии иқтисодӣ бахшида шудаанд, ташкил

додаанд. Асосҳои методологии таҳқиқотро асарҳои илмию таҳқиқотии олимон ва муҳаққиқони ватанию хориҷии соҳаҳои иқтисодиёт оид ба назария ва амалияи ҳамгироии иқтисодӣ, маводҳо ва санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ (консепсияҳои сиёсати давлатӣ ва байнидавлатӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ), ки ба идоракунӣ ва мукаммалгардонии равандҳои ҳамгироӣ бахшида шудаанд, ташкил додаанд. Зимни ҳалли масъалаҳои гузошташуда аз усулҳои таҳқиқотии таҳлили системавӣ, хулосабарории илмӣ, арзёбиҳои экспертӣ, таснифӣ, мушоҳидавӣ, муқоисавӣ, назарсанҷӣ, мухтавоӣ, мусоҳибавӣ, пурсишҳои коршиносӣ ва дар раванди асосноккунии муқаррароти назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо аз афзору воситаҳои сохторию функсионалӣ, субъектию объектӣ, усулҳои маърифатии иқтисодию оморӣ ва иҷтимоӣ васеъ истифода бурда шудаанд. Инчунин аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои назариявӣ, усулҳо, равишҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳамчун афзори методии таҳлили мушкилоти ҳамгироии иқтисодӣ ва танзими рушди равандҳои бо он алоқаманд истифода шуда, сиёсати давлатиро бо таъминоти  ҷараён ва равандҳои он ҳамоҳанг созанд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд дар раванди такмили усул ва принсипҳои асосии сиёсати давлатии ҳамгироӣ дар кишвар, асосноккунӣ ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои қабулшавандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҳамгироии иқтисодӣ ҳамчун тавсияҳои методӣ хизмат намоянд. Аз онҳо, инчунин, дар коркарди минбаъдаи принсипҳои ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бо дигар давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Саҳми бевоситаи муаллиф дар таҳқиқот дар мустақиман иштирок намудан дар масъалагузориҳои

илмӣ ва эътимоднокии ҳалли натиҷаҳои онҳо, гузаронидани таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ, амсиласозӣ, барномарезӣ, таҳлил ва хулосабарориҳои ҷамъбастӣ, шахсан навиштан ва ба нашр расонидани натиҷаҳо ва муҳтавои асосии диссертатсия ифода ёфтааст. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бо ягонагии дохилӣ ва робитаҳои байниҳамдигарии худ дар доираи таҳқиқоти назариявӣ ва амсиласозиҳои консептуалии назариявии ҳамгироии иқтисодӣ ва қонуниятҳои инкишофи он бо фарогирии равишҳои иқтисодии муосир, ки аз ғояҳои мактабҳои иқтисодӣ бар меоянд, дар низоми иқтисоди бозорӣ ва омехта метавонанд нақши бориз дошта бошанд.

**Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 24 мақолаи илмӣ ва интишороти гуногун, аз ҷумла 13 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи "Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир" таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда сохтор ва муҳтавои он ба талаботи сазовор донистани довталабони дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ва дигар талаботи муқаррарнамудаи "Тартиби"додани дараҷаҳои илмӣ" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ҷавобгӯ мебошад.

Ҳамчунин диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич ба меъёрҳои муқаррарнамудани Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сазовор донистани довталабон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) ва дигар талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори



PDF-XChange Editor Click to BUY NOW! www.tracker-software.com

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷиикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мавзуи таҳқиқотии диссертатсия, ки фарогири қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосири кишвар мебошад, ба муайян кардани вобастагии байни ҳамгироии иқтисодӣ ва ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон бахшида шуда, бо барнома, ва стратегияҳои давлатӣ, аз қабили «Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042», «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Стратегияи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи маориф ва илм дар давраи то соли 2030» ҳамоҳанг буда, тибқи «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (иқтисодиёт: иқтисоди рақамӣ, ҳукумати электронӣ ва иттилоотонӣ; маориф: таҳсилоти рақамӣ ва ташаккули низоми самараноки тайёр кардани кадрҳои ба рушди неруи инсонӣ, ҷомеа, давлат ва иқтисодиёт мусоидаткунанда ва рақобатпазир дар сатҳи ҷаҳонӣ), ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд омода гардида, дар доираи самтҳои афзалиятноки бахши иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

### Эродҳо ва тавсияҳо оид ба диссертатсия

Дар баробари гуфтаҳои боло, ки аз баратриҳои диссертатсия маҳсуб мeёбанд, якчанд эродҳо ва тавсияҳо низ ба довталаби дараҷаи илмӣ манзур менамоем, ки бахри дар оянда истифода намудан дар таҳқиқоти илмӣ пешниҳод карда мешаванд:

1. Хуб мешуд, агар муаллиф дар таҳқиқоти илмӣ дар баробари хусусиятҳои назариявии ҳамгироии иқтисодӣ, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ амалӣ карда мешаванд, инчунин, масъалаҳои самаранокии фаъолияти иқтисодии субъектҳои намудҳои фаъолияти иқтисоди (НФИ)-ро мавриди таҳқиқ қарор медод. Чунки дар доираи ба роҳ мондани ҳамгироии иқтисодӣ асоси фаъолиятро маҳз субъектҳо (агентон)-и иқтисодӣ ва манфиатҳои шахсии онҳо ташкил медиҳанд;

2. Ҳангоми баррасии масъалаҳои сармоягузории тавсеаи ҳамкориҳои иқтисодӣ инчунин ҳамгироии иқтисодӣ дар асоси ба роҳ мондани дараҷаи захираистифоданамоии манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мавриди таҳқиқ қарор дода мешуд. Чунин ҳолат барои ошкорсозии вазъи мутавозинӣ ва манфиатнокии ҳамгироии иқтисодӣ, чӣ аз лиҳози назариявӣ ва чӣ аз лиҳози амалӣ ба манфиати иқтисодиёти миллии кишвари мо арзёбӣ карда мешавад;

3. Дар ҷадвали №2.7. (саҳ.111) маълумотҳои солҳои охир таҳлил карда нашудаанд. Таҳия ва таҳлили ин маълумотҳо дар баробари маълумотҳои назариявии овардашуда ва тақвияти гуфтаҳо арзиши илмии кори диссертатсиониро афзун менамуд.

4. Тавсия дода мешавад, ки дар оянда муаллиф таъсири бевоситаи самтҳои муосири иқтисодӣ, ба монанди иқтисодиёти дониш, иқтисодиёти нав, яъне неоэкономика, иқтисодиёти креативиро ҳангоми таҳқиқи асосҳои назариявӣ ва амалии қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ мавриди таҳқиқ қарор медод. Ба ҳамагон маълум аст, ки равишҳои муосири илми иқтисод дар асоси равияҳои нави илмӣ асос ва такя менамоянд.

Эродҳои гирифташуда хусусияти тавсиявӣ дошта ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд ба арзиши илмӣ ва сифати таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф таъсир расонад.

**Хулоса:** Дар маҷмуъ, метавон гуфт, ки диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи "Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) таҳқиқоти илмии анҷомёфта арзёбӣ мегардад.

Ҳамин тариқ диссертатсияи Зиёев Сулаймон Саъдулоевич дар мавзуи "Қонуниятҳо ва хусусиятҳои инкишофи ҳамгироии иқтисодӣ дар шароити муосир" ба талаботи "Тартиби"додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 қабул шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) арзанда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**д.и.и., дотсент,**
**и.в. мудири кафедраи**
**назарияи иқтисодии ДБССТ** **М.И. Садриддинов**

Суроға: 734055, ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5,
Тел.: +992(37) 234-88-02; +992(37) 234-88-24, (+992) 918565620,
Суроғаи электронии муассиса - e-mail: info@iutet.tj.
Суроғаи электронии муқарризи расмӣ –sadrman_s@mail.ru.

Имзои д.и.и. М.И. Садриддиновро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДБССТ Ш. Ҷураев

Сана: «10» 03. 2025